# ДАСТУРАМАЛИ МУХТАСАР ОИД БА ҚОИДАҲОИ ОДОБИ МУОШИРАТИ КОРӢ ДАР КИШВАРҲОИ ГУНОГУН

Ба таври илова дастурамали мухтасар оид ба қоидаҳои одоби муоширати корӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон пешниҳод карда мешавад. Ҳадафи ин қисми дастур ба шумо кӯмак намудан дар ташкил ва баргузории мулоқоти корӣ дар хориҷа, дар ташаккули таассуроти мусоид дар зеҳни шарикони хориҷии шумо мебошад.

Қоидаҳои этикаи касбӣ ва одоби муошират дар ҳудуди як кишвар на ҳамеша яксон мебошад ва вобаста ба минтақаи мушаххас метавонад тафовутҳое дошта бошад. Дар ин қисм иттилоотеро хоҳед пайдо намуд, ки барои минтақаҳои муҳими кории чунин кишварҳо хос мебошад. Бояд хотирнишон намуд, ки тавсияҳои дар ин ҷо овардашуда ҷанбаи ҷамъбасткунанда доранд ва ҳамаи ҳолатҳои имконпазирро ба назар намегиранд.

Ба ҳар куҷое, ки меравед, чунин қоидаҳоро ҳамеша дар хотир дошта бошед:

- ба мулоқот барвақт омода шавед;
- бо шарики худ тамос барқарор намоед;
- ба суханони мусоҳиби худ бо диққат гӯш кунед;
- анъанаву одатҳои бегонаро интиқод накунед – онҳоро эҳтиром ва риоя намоед;
- чунин ҳисоб накунед, ки қоидаву урфу одати шумо дар ҷаҳон беҳтаринанд.

Дар ин қисм мо кишварҳо ва минтақаҳои зеринро мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

**Кишварҳои араб**

Дар кишварҳои араб, маъмулан аз меҳмонон ва шарикони худ дақиқназариро тақозо намекунанд. Сана ва вақти мулоқот барои он таъин карда мешавад, ки баргузор шудани он нишон дода шавад. Қарору тасмимҳои асосии корӣ дар сатҳи олӣ қабул карда мешаванд ва на ҳамеша аз он афроде вобастагӣ доранд, ки мо бо онҳо гуфтушунид баргузор менамоем. Гоҳе раванди қабули қарорҳо ба муддатҳои тӯлонӣ идома меёбанд. Муваффақияти гуфтушунидҳо бо шарикон аз кишварҳои араб ба маҳорати интизор шудан, ба созиш ҳозир будан ва аз даст надодани шаъну шаҳомат вобаста аст.

Кортҳои визити худро ба ду забон: англисӣ ва арабӣ омода намоед. Мулоқоти корӣ дар кишварҳои араб, маъмулан, дар фазои

хеле гарму самимӣ ва дӯстона мегузаранд, аммо дар ин ҷо як қоидаи муҳимро бояд ҳамеша дар хотир дошт: ***аз густохӣ ва бетакаллуфӣ эҳтиёт бошед. Дар бораи сиёсат ва дину мазҳаб гуфтугузор накунед.***

Дар сари як пиёла чой ва ё қаҳва суханони илтифотомезро раду бадал намуда, ба баррасии масъалаҳои мушаххаси корӣ гузаред. Муҳимтарин чизе, ки корчаллони араб аз шарики худ интизор дорад, ин садоқат ба қавли додашуда мебошад, яъне он чӣ ки гуфта шудааст, бояд дақиқан ба марҳилаи иҷро дарояд.

Моҳи нуҳӯми тақвими мусулмонӣ (бо номи Рамазон) ба маросими рӯзадорӣ рост меояд, ки дар он муддат одамон аз саҳар то шом аз истеъмоли ғизо, нӯшидани моеъот, тамокукашӣ ва дигар тафреҳоти ҷисмонӣ худдорӣ мекунанд. Рамазон ба тамоми фаслҳои сол аз рӯйи тақвим мувофиқ меояд. Дар ин робита эҳтиром гузоштан ба ин моҳ ва рӯзадорон ҳатмӣ аст.

Араб бо шарики худ изҳори эҳтиром намуда, муносибати эҳтиромонаро ба худ тақозо дорад. Зуҳуроти таҳаммулнопазирӣ, такаббур ва ё интиқод баъзан ба муқовимати ошкоро рӯ ба рӯ аз тарафи ӯ мувоҷеҳ нагардад ҳам, аммо ҳамчун таҳқир талаққӣ гардида, метавонад ба ҳайсияти шарики хориҷӣ осеб расонад.

Дар раванди муошират арабҳо дӯст медоранд, ки ба мусоҳиб даст расонанд. Муқовимати ғарбиёна ба тамоси ҷисмонӣ аз тарафи онҳо метавонад ҳамчун шохиси такаббур ва ғуруру ҳавобаландӣ талаққӣ гардад. Дасти якдигарро фишурдан яке аз аҷзои ҳатмии муошırати корӣ ба ҳисоб меравад. Агар шарики шумо дастатонро дурру дароз фишор диҳад, дастатонро накашед, дар акси ҳол, ҳамкори араб чунин фикр мекунад, ки шумо нисбат ба ӯ муносибати хасмона доред. Мусоҳибаи дӯстона дуру дароз хоҳад буд.

Намоз дар зиндагии мусулмонон аз аҳамияти калон бархӯрдор аст. Онҳо дар як рӯз панҷ вақт намоз мегузоранд.

Занон дар либоси миллии анъанавӣ «дастнорас» мебошанд: дар ин ҳол дастфишорӣ мамнӯъ аст ва зимнан ҳар гуна даст расонидан низ.

Мардон маъмулан шалвори дароз ва пироҳани остиндароз мепӯшанд. Занон либоси соддаи сатрӣ, доманҳои дароз, баъзан шалвор, пироҳанҳои остиндарози то банди даст ба тан менамоянд. Ҳангоми мулоқоти расмӣ ва мулоқот бо шахсони воломақом ба занон пӯшидани либоси анъанавӣ ва ё костюму шалвор иҷозат дода

мешавад.

Ҳангоми мулоқоти нахустин бо шарики кории худ шумо метавонед ба ӯ савғое аз хона, дастагул, маснуоти қаннодӣ ва шириниҳо, ё ки қалами худкори тиллоӣ бо навиштаҷот кандакорӣ шударо ҳадя намоед. Қутбнамо метавонад ҳадяи олиҷаноб ва рамзӣ бошад - он ба шарики шумо самти роҳи Макка - шаҳри муқаддаси мусулмононро нишон медиҳад.

Ба ҳайси савғо кортҳо бо тасвири бадани одамиро ҳадя накунед - ин корро ислом мамнӯъ кардааст. Сурат ва тасвири саг ва хук ҳам писандида нест, зеро саг ва хук дар мусулмонон ҳайвоноти касифу ҳаром ба шумор меравaнд.

Таомҳои арабӣ дар ҷаҳон беҳтарин ба шумор меравaнд. Хӯрокҳои арабҳо маъмулан хеле тезанд ва бо истифодаи хӯришҳои гуногун омода карда мешаванд. Барои хӯроки нисфирӯзӣ таомҳои гуногуну фаровон фароҳам мегардад. Хӯрдани гӯшти хук ҳамзамон бо истеъмоли машруботи масткунанда дар Қуръони маҷид - китоби муқаддаси мусулмонон мамнӯъ ва ҳаром маҳсуб мешавад.

Забони асосӣ ва маъмули арабҳо забони арабӣ аст.

**Олмон**

Маъмулан қарорҳо ба таври мушовара дар якчанд сатҳ қабул карда мешаванд, сипас ба таври фаъолона ва таваҷҷӯҳи бештар ба ҷузъиёт ба марҳилаи иҷро даровaрда мешаванд. Олмониҳо, махсусан, дар соҳаи барномасозиҳои дарозмуддат ба дастовардҳо ноил шудаанд. Онҳо ба тағйирот ва махсусан тағйироти ғайримунтазира бо дили нохоҳам розӣ мешаванд. Шахсони расмии олмонӣ ба даст овардани иттилооти дақиқу муфассалро дӯст медоранд. Мақому мансаб дар ҳаёти олмониҳо нақши хеле муҳим дорад. Олмонӣ ба мақому мансаби шарики худ дар ширкат, тамғаи автомобили шахсиаш ва сифату арзиши либоси ӯ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд.

Ҳазлу шӯхиро бо олмониҳо аслан фаромӯш кунед. Олмониҳо идораи бовиҷдонона, ҷиддӣ ва ошкорои корҳоро тарҷеҳ медиҳанд. Агар имкон бошад, мулоқоти кориро барои шоми рӯзи ҷумъа таъин накунед.

Дар марҳалаи аввали мулоқот аз самимият ва эҳсосот худдорӣ намоед. Барои он, ки олмонӣ дар муоширaт кушоду дилбоз гардад, муддате лозим аст ва бо гузаштани ин муддат ӯ ба шахси кушодарӯй ва самимӣ табдил меёбад.

Барои муроҷиат ба одамон вожаи “Herr” (“ҷаноб”) ва “Fray” (“хонум”) ҳамроҳ бо ном ва номи хонаводагии мусоҳиб истифода мешавад. Муроҷиати анъанавӣ ба ҷавонзанону дӯшизагон бо вожаи “Frauleine” (“фрейлейн”) оғоз мегардад.

Ҳар як мулоқот бо дастфишории кӯтоҳ, вале маҳкам оғоз мешавад. Мансаби шарики корӣ барои шахсони расмии олмонӣ аз аҳамияти калон бархӯрдор аст. Дар раванди муроҷиат кардан бо ҳамтои худ зикр кардани мансабу унвони ӯро фаромӯш накунед. Масалан, Herr Professor, Herr Doctor.

Ибораи олмонии “Kinder, Kuchen und Kirche” (фарзандон, ошхона ва калисо) тасаввуроти анъанавӣ оид ба нақши занонро ифода мекунад, ки ҳанӯз аз байн нарафтааст. Барои занони олмонӣ ба мақому мансаби роҳбарӣ расидан нисбат ба мардон хеле душвортар аст. Вақте, ки зан вориди утоқ мегардад, маъмулан, мардон аз ҷой мехезанд.

Олмониҳо барои эътимод ба нафс кӯшиш карда, ташрифоти расмиро ба таври ҷиддӣ риоя мекунанд. Онҳо ифодаҳои норавшан ва эъломияҳои ғайривозеҳро дӯст намедоранд ва ба дақиққорӣ аҳамияти калон медиҳанд. Дар ҷараёни мулоқот бо олмонӣ болопӯши нимтанаи худро аз тан бадар накунед.

Агар шумо муносибатҳои наздик бо шарики худ барқарор накарда бошед, аз гуфтугӯ оид ба мавзӯъҳои шахсӣ худдорӣ намоед ва ин қабил сӯҳбатҳоро ба ҳадди ақал коҳиш диҳед. Ҳангоми таомхӯрӣ дар бораи кору фаъолият гуфтугӯ накунед. Масъалаҳои расмиро то сарфи ғизо (нисфирузӣ, шом) ва ё баъди хотима ёфтани он баррасӣ намоед. Фаромӯш накунед, ки на ҳамаи олмониҳои шарқӣ оид ба сиёсат ва зиндагонии онҳо то муттаҳид шудан бо Олмонӣ Ғарбӣ сӯҳбат карданро дӯст медоранд.

**Русия**

Кормандони ширкатҳои хурд одатан корти визит надоранд, бинобар ин омода бошед, ки ба шумо навиштани иттилоти тамосӣ, ном ва мансаби шарикатон лозим меояд. Кӯшиш кунед, тамоси худро ба ашхосе барпо намоед, ки салоҳияти қабули қарорҳоро дошта бошанд ва вақти худро беҳуда дар гуфтугӯ бо афроди бесалоҳият масраф накунед. Дар асоси сохтории бисёр ташкилоту муассисаҳо силсиламаротибӣ (иерархия) ҷиддӣ қарор дорад ва аксаран қарорҳоро сарвари ширкат бе маслиҳату машварат бо зердастонаш қабул мекунад.

Нуқтаи назари роҳбар дар ҷараёни ҳамкориҳо бо муассисаи бузург аз аҳамияти ҳалкунанда бархӯрдор аст. Агар раиси кулл консепсияи шуморо қабул накунад, ба гумон аст, ки намояндагони ҳалқаи миёна шуморо дастгирӣ намоянд.

Бо худ тарҷумон бигиред ва аз хадамоти ҳуқуқшиноси русӣ истифода намоед. Ӯ ба шумо дар шарҳу тафсири мушкилоти ҳуқуқии кишвари худ кӯмак хоҳад кард. Русҳо, маъмулан, созишкор нестанд. Онҳо бар мавқеи худ исрор мекунанд, эътироз мекунанд, асабонӣ мешаванд. Хурсандиро ҳифз кунед ва бо таҳаммул бошед.

Кортҳои визити худро бо ду забон: англисӣ ва русӣ (криллӣ) фармоиш диҳед. Саломгузорӣ бо тамоси басарӣ ва дастфишорӣ ҳамроҳ хоҳад буд.

Ҳангоми дасти ҳамдигарро фишурдан шарикон номи худро зикр мекунанд.

Дар ҷараёни мулоқоти расмии густарда, маъмулан, суратҷаласа (протокол) тартиб дода мешавад. Баъди ба охир расидани баррасиҳо намояндагони тарафҳо ин санадро меомӯзанд ва имзо мекунанд. Баъд аз баста шудани шартнома соҳибкорони Русия метавонанд ба шарикони хориҷии худ бо дархост оид ба тағйир додани моддаҳои алоҳидаи он мурожиат намоянд.

Одатан, ин дар ҳолатҳое ба вуқӯъ меояд, ки агар шартнома бо диққати лозим мутолиа нашуда бошад.

Занон хеле камтар ба курсии мансаби роҳбарии сатҳи олӣ нишаста метавонанд. Аммо онҳо бнсёр вақт мансаби мудири молиявӣ, сармуҳосиб ва ё мудири шӯъбаи харидро ишғол мекунанд. Тадбирҳои корчаллонӣ ва маҷлисҳои расмӣ маъмулан, бидуни ширкати ҳамсарони ҳамтоёни русӣ баргузор мешаванд.

Ҳамзамон бо наздик омадани вақти мулоқот чанд дафъа бо шарики русии худ тамос бигиред ва нақшаву барномаҳоро таҳқиқ ва таъкид намоед. Русҳо аз меҳмонони худ дақиққориро тақозо мекунанду аммо худи онҳо баъзан ба мулоқот дер мемонанд. Ғайр аз дақиққорӣ сифати дуввум чобукӣ аст, ки корчаллони русӣ аз ҳамтои хориҷии худ чашмдор аст. Мулоқот аксаран, аз вақти муайяншуда дер оғоз мешавад ва аз мӯҳлати пешбинишуда бештар идома меёбад.

Зарбулмасали дӯстдоштаи корчаллонҳои рус чунин аст: *«Ба беҳтар умед банд, аммо ба бадтар омода бош»*.

Дар муҳити расмии Русия сабки муҳофизакорӣ бартарӣ дорад. Намояндагони ширкатҳои Русия либоси ҷиддии босифати начандон

намоёнро бо миқдори андаки ороишоти гаронбаҳо ба бар мекунанд. Мардон аксаран кор бо костюми тираранг ва пироҳани сафеду гарданбанди (галстуки) якранга ҳозир мешаванд. Дар баъзе ҳолат свитер (бидуни галстук) мепӯшанд. Занон доманҳои то зону ва ё поёнтарро бо кафшҳои пошнапаст дар бар доранд.

Ҳар кадоме ҳадяе, ки ба худатон писанд ояд, интихоб намоед: маводи ғизоӣ, виски ва ё дигар машруботи алкоголӣ (ба истисноӣ арақ), калкуляторҳо, дастгоҳҳои суратгирӣ, соатҳои фирмавӣ, лавозимоти ороишӣ ва атриёт, сачоқи рӯйпоккунӣ, сигордаргирон ва ғайра.

Даъват ба хӯроки шоми расмӣ - ин беҳтарин «ҳадя» мебошад, ки мусалламан ба шарики расмии шумо писанд хоҳад афтод.

Хӯрокҳои расмии нисфирӯзӣ ва шом баррасии лоиҳаҳои муштаракро дар назар надорад. Ин зиёфатест, ки ба муносибати ба имзо расидани қарордод баргузор мешавад.

Барои мушфиқона фармоиш додани таомҳо саросема нашавед. Ин корро ба шарики худ вогузор намоед – зеро маъмулан феҳрасти таомҳо ба воқеият мутобиқат надорад. Агар ҳолати тандурустӣ ва эътиқодотӣ мамнӯъ намекарда бошад, аз истеъмоли машруботи алкоголӣ ҳангоми хӯроки нифирӯзи (шом) бо шарики кории худ худдорӣ накунед – ин амал барои таҳкими робитаҳо зарур мебошад.

Забони русӣ аз ҷумлаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мебошад. Ин забони асосии (ва аксаран ягонаи) муоширaт бо шарикони корӣ аз Русия мебошад.

**Япония**

Бо ибтикори худ ба ширкати японӣ мурочиат кардан маъмул нест. Саъй накунед, ки мустақилона бо шарики эҳтимолии кории худ ба гуфтушунид иқдом намоед - дар Япония ин амали мақбул нест. Миёнараверо пайдо кунед, ки бо одамони ба шумо даркорӣ ошно бошад. Маъмулан ин банк ва ё дигар шахсияти мӯҳтарам хоҳад буд. Миёнарав соҳибкори хориҷиро намояндаи ширкати японӣ шахсан ва ё тавассути номаи тавсиявӣ муаррифӣ мекунад.

Мулоқоти нахустин, маъмулан ҷанбаи шиносоӣ дорад. Қарорҳои асосии корчаллонӣ дар ҳайати гурӯҳҳо қабул карда мешаванд. Раванди қабули қарорҳо маъмулан муддати тӯлонӣ идома меёбанд. Ҳангоми мулоқот дар Япония чашмонро ба замин дӯхта, таъзим кардан анъанаи саломгузории японӣ мебошад. Шарики кории шумо чӣ гуна танзим кардан ва дар кадом ҳолат

таъзим карданро ба шумо ёдоварӣ хоҳад кард.

Ташрифоти саломгузорӣ дастфишории анъанавии ғарбиро истисно намекунад. Дар ин ҳол дастфишории сабуки японӣ қабл аз ҳама зуҳуроти назокат аст, шаҳодати сустиродагии шахс инъикос мегардад.

Ҳамаи одоби муошироти японӣ бар эҳтиром ба одамон, синну сол, созмону муассисаҳо, ғояҳо, услубҳо ва ғайра устувор мебошад. Япониҳо кор карданро ба шарикони ҳамтирози худ дар ширкатҳо афзал медонанд. Бисёр шахсони расмии японӣ барои риояи ҳамин шарт исрор ва пофишорӣ мекунанд.

Конформизм ва кӯшиши ҳифзи обрӯ ва эътибор аз се фарҳанги расмии Япония ба ҳисоб меравад.

Корти визит аз аҳамияти зиёд бархӯрдор аст. Агар шарикатон ба шумо корти визити худро медиҳад, онро дар ҳузури вай бодиққат мутолиа кунед. Ба ин нуқта таваҷҷӯҳ намоед, ки ӯ чӣ гуна корти визитии худро ба шумо месупорад. Агар вай онро ба Шумо бо ду даст дароз кунад шумо ҳам бо ду даст қабул кунед. Пеш аз он ки ба сафи корӣ раҳсипор гардед, корти визити худро бо ду забон: японӣ ва англисӣ таҳия созед.

Номи мансаби вазифаҳо бояд ба забони англисии амрикоӣ ва тарҷумаи он ба забони японӣ зикр шуда бошад.

Солҳои охир мавқеи занон дар Япония махсусан, дар соҳаи хизматрасонӣ хеле мустаҳкам гардидааст. Дар гузаштаи начандон дур зани японӣ наметавонист роҳбариро ишғол намояд. Бисёр шахсони насли солхӯрда ба пайдо шудани занон-роҳбарон ба душворӣ муросо мекунанд.

Занони солхӯрдаи японӣ маъмулан дасти хориҷиёнро фишор намедиҳанд ва дар фосилаи эҳтиром аз мусоҳиби худ қарор мегиранд. Ҳамин нуқтаро дар хотир доред ва ба онҳо зиёд наздик нашавед.

Ба одоби муошироти японӣ эҳтиром гузоред. Риоя накардани одоби эҳтиром метавонад дар муносибатҳои расмӣ бо шарикони японӣ зарари ҷиддӣ расонад.

Иштироккунандагони мулоқот дар сари мизи музокирот ба тартибу низоми муайян аз рӯйи бузургии мансабу вазифа менишинанд. Дар ин ҳол ҷанбаи муошират аз муошироти ғарбӣ хеле тафовут дорад. ***Япониҳо аз ифодаву ибораҳои рӯйирост ва кушоду равшан худдорӣ мекунанд.*** Вожаи «на» (не) тақрибан истифода намешавад. Посухи бештар маъмул “мумкин аст”,

“эҳтимол дорад” мебошад. Барои кори хубу шоиста кормандони алоҳидаро таърифу ситоиш накунед. Таърифу таҳсин фақат ба унвони гурӯҳи одамон ҷоиз мебошад.

Калимаи Японии «себиро» (костюм, аз калимаи “Савил Роуд” (номи кӯчаи шаҳри Лондон) ба вуҷуд омадааст Япониҳо сабки анъанавии муҳофизакоронаро риоя мекунанд. Агар мулоқот ба фасли тобистон рост ояд либоси пахтагӣ бо худ гиред.

Ба сифати ҳадя ба ҳамтои японӣ вискии шотландӣ, коняк, чой ва дигар молҳои баландсифати фирмавиро пешкаш кунед.

Армуғонро хеле босалиқа печонед. Ҳеҷ гоҳ дар печонидан аз коғазҳои сиёҳ истифода набаред.

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) корҳо хеле зуд иҷро мешаванд (махсусан дар Ню Йорк). Қарорҳо ба таври оҷил қабул карда мешаванд. Роҳбарони ҳалқаи мобайнӣ маъмулан хеле мустақилият доранд ва ба таври мустақил баъзе муомилот ва қарордодҳои начандон калонро ба имзо мерасонанд. Дар ИМА ҳуқуқшиносон хеле сершуморанд ва амрикоиҳо хеле зиёд ба судҳо (додгоҳҳо) муроҷиат мекунанд. Ҳамин нуқтаро дар хотир дошта бошед ва аз ҳар гуна қавлу ваъдаҳои бебунёд барҳазар бошед. Аксаран, ҳуқуқдонҳо ба сифати мушовирон фаъолият мекунанд, то ки аз мушкилиҳо замонат шуда бошанд. Муваффақияти гуфтушунидҳо аз бисёр ҷиҳат ба худро идора карда тавонистан вобастагӣ дорад. Агар ҳаяҷони беш аз андозаи шумо ошкор шавад, шумо ба натиҷаҳои назаррас наметавонед муваффақ гардед.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико чор ва ё ҳатто шаш минтақаи соат (агар Аляска ва Гавайи ба ҳисоб гирифта шавад) мавҷуд аст, ки инро ҳам набояд фаромӯш кард. Масофаҳо ва вақти парвозҳоро ҳам дар хотир дошта бошед, масалан парвоз аз Вашингтон ба Лос-Анҷелес чор соат вақтро мегирад, вале аз Лос-Анҷелес ба Сан-Франсиско бештар аз як соат вақти парвоз аст. Баъд аз як соати дигар шумо ба Сан-Хосе хоҳед расид.

Саломгузорӣ дастфишории маҳкам ва тамоси басариро дар назар дорад. Ҳангоми муроҷиат номи мансабу унвонҳо зикр карда намешавад. Масалан, мо гуфта наметавонем: *«Аз дидани шумо хушҳолам, ноиби президент фалонӣ»*. Илова бар он, амрикоиҳо ба зудӣ ба муроҷиат бо зикри ном мегузаранд.

Дар аксарияти биноҳои дафтари ширкатҳо, дар баъзе

меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо тақрибан дар ҳамаи хатҳои ҳавоӣ тамокукашӣ мамнӯъ аст. Мубодилаи такаллуфот маъмулан, зиёд тӯл намекашад, амрикоиҳо дар бораи кор гуфтугӯ карданро тарҷеҳ медиҳанд.

ИМА кишвари баробарҳуқуқии ҷинсҳо мебошад. Дар ин масъала амрикоиҳо дар ҷаҳон пешоҳанг мебошанд. Бисёр ширкатҳои амрикоӣ миёни кормандони мард ва кормандони зан ҳеҷ гуна тафовут намегузоранд. Аммо дар ноҳияҳои алоҳидаи кишвар ҳанӯз ҳам нисбат ба занҳо аломатҳои анъанавии эҳтиром ба мисли қаблӣ риоя карда мешавад. Агар шумо ба мулоқоти корӣ бо шарики амрикоии худ рафтанӣ бошед, дақиқан бифаҳмед, ки бештар кадом қоидаҳо маъмул мебошанд ва бо ҳамкорон ҳамин гуна рафтор бояд кард.

Шахсони расмии амрикоӣ аз шарикон дақиқкориро чашмдор мебошанд. Дар мавзӯъҳои оид ба дин, нажод, синну сол ва намуди зоҳирӣ аслан гуфтугӯ оғоз накунед. Амрикоиҳо ба масъалаи ҳифзи бехатарӣ хеле муносибати ҷиддӣ доранд. Кормандони фурӯдгоҳхо аз мусофирон муносибати боадабона ва эҳтиромонаро чашмдор мебошанд.

Сабки либоспӯшӣ ба соҳаи фаъолияти ширкат вобастагӣ дорад. Хизматчиёну кормандони бонкхо ва муассисаҳои молиявӣ костюм пӯшида, галстук мебанданд. Ширкатҳои мансуб ба бахши фановориҳо (технологӣ) ба сабки либоспӯшии нисбатан оддӣ ва сабки либоси ҳаррӯза пайравӣ мекунанд. Пеш аз рафтан ба мулоқот ба шарики худ мурочиат карда, дақиқан муайян кунед, ки дар ширкати ӯ кадом сабки либоспӯшӣ маъмул мебошад. Амрикоиҳо чун қоида хуб либос пӯшида, либоси басифати аврупоиро хуш меписанданд.

Арзиши ҳадяҳо барои шарики корӣ мутобиқи қонунгузории андоз дар ИМА набояд аз бисту панҷ доллар бештар бошад, бинобар ин анъанаи мубодилаи савғотиҳои расмӣ густариш ва маъруфият пайдо накард. Ба сифати ҳадя шумо метавонед ба ҳамтои амрикоии худ вискии шотландӣ, чойи хуби англисӣ ва ё маҳсулоти хӯроквории миллӣ пешкаш намоед.